МУССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН» БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ВБД: 612+577.1:616.15 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

АЗИЗӢ НИГОРА НАСРУЛЛО

ТАҒЙИРЁБИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВИИ ХУН ДАР БЕМОРОНИ COVID-19 ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи биохимия ва генетикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Шамсудинов Шабон Нажмудинович** - номзади илмҳои биологӣ, мудири озмоишгоҳи ҷигар ва ғадуди зери меъдаи МД "Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Табариён Баҳром Сафар** - доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

Зафаров Хол Авзалович - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи анатомия ва физиологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Муассисаи пешбар: Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»

Ҳимояи диссертатсия санаи «03» лекбри соли 2026 соати 14.00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии: 734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, бинои 16, толори шурои диссертатсионӣ баргузор мегардад.
E- mail: mir.nur78@mail.ru (+992) 93-405-86-05

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 ва дар сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст

Автореферат "____"_____ 2026 фиристода шудааст

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ **Мирзоев Н.М.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар сайёраи мо 1,67 млн вирусҳо мавҷуданд, ки аз онҳо 631 ҳазор то 827 ҳазорашон барои инсон хатарнок мебошанд [1, с. 51-55; 5, с. 57-61]. Дар ҳисоботи соли 2019 - и Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) қайд карда мешавад, ки дар давоми чанд даҳсолаҳои охир хурӯҷи бемориҳои сироятӣ ба амал омада, вазъияти фавқулодаи ҷаҳониро дар соҳаи тандурустӣ ба амал меоранд.

Дар давоми солҳои 2011-2018 ТУТ 1483 ҳолатҳои эпидемиологиро дар 172 мамлакати ҷаҳон ба қайд гирифт [8, с. 4-12]. Бемориҳое, ки ба эпидемия оварда расониданд, ба монанди зуком, алоими шадиди роҳҳои нафас (SARS), алоими роҳҳои нафаси Шарқи Наздик (MERS), табларзаи Эбола, табларзаи Зика, табларзаи зард ва ғайра тасдиқи хуруҷи босуръат паҳншавии микроорганизмҳо буда, тез-тез ба мушоҳида мерасанд ва муборизa ба онҳо рӯз то рӯз душвор мегардад [7, с. 4-8; 18, с. 1-6]. Тағйирёбии муҳити атроф, гармшавии иқлим, зиёдшавии зичии аҳолӣ ва дигар омилҳо ба пайдоиши бемориҳои вирусӣ мусоидат намуда, аз ҷониби дигар муҳоҷирати зиёди аҳолӣ ба паҳншавии онҳо дар ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Аз рӯи пешгӯии Созмони Милали Муттаҳид «то соли 2050 аҳолии кураи замин ба 10 млрд нафар мерасад. Ин маънои онро дорад, ки ҷараёни муҳоҷират, васеъшавии тиҷорат, сайёҳӣ ва урбанизатсия боз ҳам меафзояд [3, с. 6-17; 12, с. 6-15]. Пандемияи COVID-19 (Coronavirus disease - 2019) аллакай дар таърих ҳамчун ҳолати фавқулодаи моҳияти байналмилалӣ дошта бокӣ монд. Ба ҳолати то моҳи январи соли 2025 777 миллион одамон дар тамоми дунё ба он сироят ёфтаанд. Аз ин миқдор зиёда аз 7 миллион нафар ба ҳалокат расидаанд [13, с. 4-9; 20, с. 1-9].

Аз таърихи талхи пандемияи COVID-19 маълум гашт, ки новобаста аз рушди босуръати тибби ҳозиразамон, ҷомеа ҳануз пурра барои пешгирии чунин сироятҳои мудҳиш омода нест. Одатан пандемияи COVID-19 ба он минтақаҳое осеби зиёдтар расонид, ки захираҳои маҳдуд ва сатҳи нисбатан пастари хизматрасонии тиббӣ доштанд. Аз ҷониби дигар воқеият нишон дод, ки сатҳи баланди сироятёбӣ дар кишварҳои шароити мусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта (ИМА, Испания, Италия, Олмон, Чин, Фаронса, Британиё, Белгия ва ғайра) низ мушоҳида гардид [9, с. 89-94; 13, с. 4-9; 14, с. 61-70].

Таърихи пандемияи COVID-19 бараъло нишон дод, ки новобаста аз сатҳи тараққиёти иқтисодӣ, ва рушди соҳаи тандурустӣ ягон давлати дунё дар танҳоӣ натавонист, ки худро аз ҳисороти ин бемории вирусӣ муҳофизат намояд. Зарари иқтисодӣ ва талафоти ҷонии

бемории COVID-19 ба амал оварда, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дарси ибрат буда, аз мо талаб мекунад, ки ҳарчи бештар оид ба қонуниятҳои таъғйирёбии равандҳои физиологӣ ва биохимиявии дар организми беморон ба вуҷуд омада, маълумот дошта бошем [5, с. 57-61; 12, с. 6-15].

Ҳарчанд дар солҳои авҷи пандемия оид ба таъғйирёбии равандҳои физиологӣ ва биохимиявии организми беморони бо вируси SARS-CoV-2 сироятёфта як қатор таҳқиқотҳо анҷом дода шуда бошанд ҳам, то ҳол динамикаи амиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони сироятёфта пурра омӯхта нашуда, натиҷаҳои бадастомада баҳсангез ва ҳатто баъзан ба якдигар мухолиф боқӣ мемонанд [1, с. 51-55; 3, с. 6-17; 15, с. 46-57].

Аз тарафи олимони Тоҷикистон низ таҳқиқотҳо оид ба таъғйиротҳо дар фаъолияти узвҳо ва системаҳои гуногуни организми беморони COVID – 19 гузаронида шудааст. Аз ҷумла Авезов С.А. бо ҳаммуалифон ҳангоми таҳқиқот иллати узвҳои ҳозимаро дар беморон муайян намудаанд. Олимон исбот намудаанд, ки дар беморон фаъолнокии ферментҳои АлАт ва АсАт баланд шудааст, ки аз халалдоршавии фаъолияти ҷигар шаҳодат медиҳад [2, с. 16-20].

Таҳқиқи Одиназода А.А. бо ҳаммуалифон нишон додааст, ки дар беморони COVID-19 нишондиҳандаҳои коагулограмма майл ба тарафи гиперкоагулятсия дошта, пастшавии вақти тромбинӣ, баландшавии нишондиҳандаҳои фибриноген, тромбоситҳо ва D-димер мушоҳида карда мешавад [16, с. 138-140].

Яке аз хулосаҳои бадастомада ин аст, ки масунияти тӯлонӣ ва шиддатнок нисбати SARS-COV-2 дар замони ҳозира вуҷуд надорад. Масунияти ҳангоми сироятёбӣ аз намояндагони дигари оилаи вирусҳои тоҷдор ба амал омада низ ноустувор буда, хавфи такроран сироятёбӣ вуҷуд дорад [2, с. 16-20; 8, с. 4-12; 11, с. 34-38].

Таҳлили таҳқиқоти дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки барои муайян намудани тағйироти физиологӣ ва биохимиявӣ дар организми беморони COVID-19 омӯзиши ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун зарур аст. Ба таври мушаххас, ин таҳқиқот бояд таҳлили газҳои хун, таҳлили клиникӣ ва биохимиявӣ, лахташавии хун, формулаи лейкотситарӣ ва индекси лейкотситарии заҳролудшавиро дар бар гирад.

Дарачаи коркарди илмии проблемаи мавриди омузиш: Оид ба таъсири сироятёбӣ аз вируси COVID-19 аз тарафи олимон таҳқиқотҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти Ҷураев М.Н. бо ҳаммуаллифон ҳангоми бемории COVID – 19 равандҳои патологии илтиҳобӣ ва варам асосан дар бофтаҳои шушҳо ба вуҷуд омада, боиси вайроншавии физиологияи нафаскашӣ мегардад. Вайроншавии мубодилаи газҳо дар организми беморон боиси ташаккули атсидоз

мегардад [10, с. 58-69].

Тибқи таҳқиқоти Li G. бо ҳаммуаллифон: дар беморони COVID-19 баландшавии нишондиҳандаҳои лаборатории лахташавии хун яке аз аломатҳои хоси тағйироти физиологии организм ба шумор меравад [19, с.424-432].

Натиҷаи таҳқиқотҳои Одиназода А.А. бо ҳаммуаллифон маълум намудаанд, ки дар нишондиҳандаҳои биохимиявии хун баландшавии миқдори АлАТ, АсАТ, билирубин ва креатинин ба вуҷуд меояд [16, с. 138-140].

Дар натиҷаи таҳқиқот Хурсанов Н.М. бо ҳаммуаллифон муайян намуданд, ки тағйиротҳо дар нишондиҳандаҳои физиологӣ, аз ҷумла фаъолияти дилу рагҳои хунгард ва нафаскашӣ дар натиҷаи ташаккули дистресс-синдроми респираторӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи он дар беморон вайроншавии тавозуни кислотагию ишқорӣ дар натиҷаи баландшавии фишори парсиалии оксиди карбон (pCO_2), бикарбонат (HCO_3), фишори парсиалии оксиген (pO_2) ба вуҷуд меояд [17, с. 220-230].

Муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи беморӣ на танҳо вазифаи физиологии шушҳо, балки дигар узвҳо ба монанди ҷигар ва гурдаҳо низ иллат меёбанд, ки он ҳангоми муоинаи лабораторӣ ва таҷҳизотии вазифаи узвҳо ошкор карда мешавад [4, с. 103-118; 10, с. 89-94; 19, с. 424-432].

Таҳлили таҳқиқотҳои болозикр бараъло нишон медиҳад, ки барои муайян намудани тағйироти физиологӣ ва биохимиявӣ дар организми беморони COVID-19 фавран таҳқиқи ҳаматарафаи нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии хунро гузаронидан зарур аст. Бахусус таҳлили нишондиҳандаҳои газҳои хун, таҳлили клиникӣ ва биохимиявии хун, лахташавии хун, формулаи лейкотситарӣ ва индекси лейкотситарии заҳролудӣ аз тағйиротҳои физиологӣ шаҳодат медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ.

Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи биохимия ва генетикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ичро шудааст. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо назардошти талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №566; «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №165; «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №263; Стратегияи рушди иллми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 «Оид ба таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ ва

дастрасии аҳолӣ бо ғизо», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503; «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170; дар бораи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026–2030», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264; дар бораи «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2023»; барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот: омӯзиши динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони гирифтори COVID-19.

Вазифаҳои таҳқиқот.

- Омӯзиши нишондиҳандаҳои газҳо ва ионҳои таркиби хун дар беморони COVID-19;
- Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои хуни канорӣ, системаи лахташавии хун ва индексҳои лейкотситарӣ дар беморони COVID-19;
- Муайян намудани нишондиҳандаҳои биохимиявии хун дар беморони COVID-19.

Объекти таҳқиқот. Ба сифати объекти таҳқиқот натиҷаҳои муоинаҳои лаборатории 600 нафар беморони COVID-19, ки дар шароити МД “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология”, МД “Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии шаҳри Душанбе” ва *МД «*Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» дар давраи пандемияи беморӣ табобат мегирифтанд истифода шудаанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: Омӯзиши нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун ҳангоми сироятёбӣ бо COVID-19 дар шароити Тоҷикистон.

Навгонии илмии таҳқиқот:

1. Омӯзиши таркиби газҳои хуни шараёнӣ нишон дод, ки ҳангоми илтиҳоби шадиди роҳҳои нафас раванди мубодилаи газҳо вайрон гардида, зиёдшавии гази карбонат, камшавии фишори партсиалии оксиген ва паст шудани дараҷаи сершавии гемоглобин бо оксиген ба амал омада, ҳамзамон муҳити дохила ба тарафи кислотагӣ майл менамояд.
2. Муайян карда шудааст, ки дар системаи лахташавии хуни беморони COVID-19 тағйироти боварибахш дар ба амал меояд. Он дар камшавии вақти қисман фаъолшавии тромбопластинӣ (ВҚФТ), муносибати байналмилалии муқарраршуда (МБМ), баландшавии

миқдори фибриноген ва Д-димер зоҳир меёбад, ки боиси гиперкоагулятсияи хун мегардад.

3. Миқдори лейкотситҳо, хусусан дар беморони дарачаи миёнавазнин ва вазнин зиёд шуда, дар формулаи лейкотситарӣ нейтрофилҳо афзалият доранд.

4. Аввалин маротиба дар Тоҷикистон таҳқиқи тағйирёбии миқдори ионҳои натрий, калий ва калтсий дар таркиби хуни беморони COVID-19 анҷом дода шудааст. Натичаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки дар беморон камшавии сатҳи ионҳои калтсий, калий ва натрий ба вуҷуд меояд.

5. Аввалин маротиба муайян карда шуд, ки такрибан дар 30%-и беморони COVID-19 баландшавии фаъолиятнокии ферментҳои аминотрансфераза, ва миқдори амилаза, фосфатазаи ишқорӣ, глюкоза, билирубин ва холестерин мушоҳида карда мешавад.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Таҳқиқот барои ошкор кардани тағйиротҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 равона карда шуда, барои соҳаҳои физиологияи патологӣ ва биохимияи клиникӣ муҳим мебошад. Дар беморони COVID-19 баландшавии индексҳои лейкотситарӣ муайян карда шудааст.

Муайян карда шудааст, ки заҳролудшавии баланди организм дар беморон боиси халалёбии фаъолияти метаболитикии ҷигар гардида, беш аз ҳама дар баландшавии фаъолиятнокии аминотранферазаҳо зуҳур меёбад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Муайян карда шудааст, ки дигаргуншавии нишондодҳои газҳои таркиби хуни беморони COVID-19 ба вайроншавии тавозуни кислотагию ишқории хун оварда расонида, боиси болоравии pH ба ҷониби кислотагӣ, яъне ташаккули атсидоз мегарданд;

2. Ошкор гардидааст, ки мутаносибан бо вазниншавии дарачаи беморӣ дар хуни беморон баландшавии миқдори фибриноген, вақти қисман фаъолшавии тромбопластинӣ, муносибати байналмилалии муқарраршуда ва Д-димер мушоҳида мешавад, ки боиси ташаккули гиперкоагулятсия мегардад.

3. Исбот карда шудааст, ки дар беморони COVID-19 баландшавии нишондиҳандаҳои индекси заҳролудии лейкотситарӣ, болоравии фаъолиятнокии аминотрансферазаҳо ва сафедаҳои марҳилаи шадиди илтиҳоб ва камшавии миқдори электролитҳо мушоҳида карда мешавад.

Дарачаи эътимоднокии натичаҳо. Асоснокӣ ва эътимоднокии ҳар як натичаи бадастовардашуда бо коркарди миқдори зиёди маводҳои таҷрибавӣ ба исбот расонида шудааст. Таҳқиқот бо истифода аз усулҳои классикӣ ва муосир гузаронида шудааст. Натиҷаҳои

таҳқиқот бо усулҳои коркарди математикӣ таҳлил шудаанд. Муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада бо назардошти маълумотҳои дар адабиёти илмии оид ба масоили таҳқиқот мавҷудбуда, гузаронида шудааст. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалӣ муҳокима гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расонида шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 1.5.34. Физиология: Банди II, зербанди 1. Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимияти муҳити дохилии организм. Зербанди 2. Таҳлили механизмҳои танзими асабӣ ва гуморалии равандҳои генетикӣ, молекулярӣ, биохимиявӣ, ки динамикаи алоқамандии функсияҳои физиологиро муайян мекунад. Зербанди 3. Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот: Муаллифи кори диссертатсионӣ дар тамоми зинаҳои таҷрибаҳои таҳқиқотӣ: таҳлилу тавсифи адабиёти илмӣ, коркард ва таҳлили натиҷаи таҷрибаҳо, хулосабарорӣ ва тайёр намудани маводҳои илмӣ тибқи мавзуи таҳқиқотӣ, омода ва таҳияи диссертатсия бевосита саҳм гирифтааст. Таҷрибаҳои илмию амалӣ оид ба рисолаи мазкур дар шароитҳои озмоишгоҳӣ ва таҳлилҳои бойгонӣ, бевосита аз тарафи муаллиф ичро гардида, аз тарафи роҳбари рисолаи илмӣ роҳнамоӣ шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи минтақавии илмӣ-амалӣ «Дастоварди Истиқлол». Кӯлоб. 2021 с.; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Ҳолати хадамоти геронтологӣ ва масъалаҳои маъюбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. ш.Душанбе. 2021 с.; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” (IV-солона) «Масъалаҳои мубрами таҳсилот ва тибби муосир», Кӯлоб. 2023 с.; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” (V-солона) «Масъалаҳои мубрами таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ». ш.Кӯлоб. 2024 с. баррасӣ гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзӯи рисола 9 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ аз чоп баромадаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифа пешниҳод гардида, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, 4 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати

адабиёт, ки 161 адад (40 ватанӣ ва 121 хориҷӣ) мебошанд, иборат аст. Натиҷаи таҳқиқот дар 14 ҷадвал, 5 расм ва 27 диаграмма тасвир шудааст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи интихобнамудаи таҳқиқот, аҳамияти илмӣ ва амалии он асоснок карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия **"Шарҳи адабиёт",** ки аз 6 зербоб иборат аст натиҷаи таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудааст. Дар боби мазкур маълумот оид ба хусусияти пандемияи COVID-19, сохтори молекулавӣ, хусусиятҳои биологии вируси SARS-CoV-2, роҳҳои интиқол ва усулҳои ташхиси он оварда шудааст. Таҳлили адабиёт нишон дод, ки ҳангоми бемории COVID-19 дар нишондиҳандаҳои лабораторию физиологӣ ва биохимиявӣ тағйиротҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Маълум карда шуд, ки дар беморони дараҷаи миёна ва вазнин лейкопения ва тромбоситопения мушоҳида мешавад. Натиҷаи таҳлилҳои биохимиявии хун нишон дод, ки дар беморон миқдори аминотрансферазаҳо, креатинин ва мочевина баланд мешавад. Баландшавии сафедаҳои марҳилаи шадиди илтиҳоб – сафедаи С – реактивӣ, прокалситонин ва интерлейкин – 6 мушоҳида мегардад. Миқдори электролитҳо кам мешаванд, раванди лахташавии хун халал меёбад, ки бо баландшавии нишондодҳои фибринолиз, миқдори тромбоситҳо ва Д-димер зуҳур меёбад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Мавод, объект, шароит ва усулҳои таҳқиқот»** шумораи беморони муоинашуда нишон дода шудааст. Аз тарафи муаллиф 600 нафар беморони гирифтори COVID-19, ки дар МД "Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология", МД "Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии ш. Душанбе" ва МД «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» замони пандемияи беморӣ табобат мегирифтанд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Вобаста аз дараҷаи вазнинӣ беморон ба 3 гурӯҳ тақсим карда шудаанд: гурӯҳи 1- ум беморони дараҷаи сабук – 110 (18,3%) нафар; 2- юм беморони дараҷаи миёнавазнин 280 (46,7%) нафар ва 3- юм беморони дараҷаи вазнин – 210 (35%) нафар. Ташхис дар асоси аломатҳои клиникии беморӣ, таҳлилҳои вирусологӣ, биохимиявӣ, томографияи компютерӣ ва нишондиҳандаҳои озмоишгоҳии хуни канорӣ гузошта шудааст.

Дар ин боб муфассал усулҳои муайян намудани газҳои таркибии хун, электролитҳо, усулҳои клиникӣ ва биохимиявӣ, ҳамчунин усулҳои муайян намудани нишондиҳандаҳои лахташавии хун тасвир карда шудааст. Омӯзиши газҳои таркибии хун инҳоро дар бар гирифтааст: Рн – и хун, PaO_2 – фишори парсиалии оксиген дар хуни шараёнӣ, $PaCO_2$ – фишори парсиалии гази карбон дар хуни шараёнӣ, HCO_3 - бикарбонат, SO_2 –

сатуратсияи оксиген, ки фоизи гемоглобини бо оксиген пайвастшударо нишон медиҳад, ва TCO_2 – миқдори умумии кислотаи карбон дар плазмаи хун, аз ҷумла, консентратсии бикарбонатҳо (HCO_2), гази карбони ҳалшуда (CO_2) ва кислотаи карбон. Дар беморон нишондиҳандаҳои миқдори электролитҳо - ионҳои натрий, калий ва калтсий муайян карда шудааст. Таҳлили умумии хун омӯзиши нишондиҳандаҳои миқдори гемоглобин, эритротситҳо, лейкотситҳо, лахташавии хун, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ, вақти протромбинӣ ва миқдори фибриногенро дар плазмаи хун дар бар гирифтааст.

Дар беморон таҳлилҳои биохимиявӣ, аз ҷумла миқдори сафедаи умумӣ дар плазмаи хун, мочевина, креатинин, фаъолнокии аминотрансферазаҳо (АлАТ, АсАТ), фосфотазаи ишқорӣ, глюкоза, холестерин ва билирубин бо усули колориметрӣ омӯхта шудааст.

Дар боби сеюм **“Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19”** оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки нишондиҳандаи pH-и хуни одамони солим ба ҳисоби миёна ба 7,4±0,02 баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 7,34,±0,02, дараҷаи миёнавазнин 7,33±0,02 ва дараҷаи вазнин бошад 7,2±0,02 - ро ташкил намуд. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19, миқдори ионҳои ҳидроген чандон зиёд тағйир наёфтааст. Тағйироти боварибахшро мо танҳо дар гурӯҳи беморони дараҷаи вазнин мушоҳида намудем, ки нишондиҳандаи pH – и хуни шараёнӣ дар онҳо майл ба тарафи кислотагиро муайян намуд (Диаграммаи 1).



Диаграммаи 1. - Тағйирёбии pH-и хуни шараёнӣ дар беморони COVID-19. 1-одамони солим, 2- беморони дараҷаи сабуки COVID-19, 3- беморони дараҷаи миёнавазнин, 4- беморони дараҷаи вазнин

Зиёдшавии ионҳои ҳидроген сабаби ба атсидоз дучор гардидани организм шуда метавонад. Ҳангоми pH-и хуни шараёнӣ то сатҳи 6,8 воҳид паст шудан, беморон ба марг дучор мегарданд.

Барои ба ҳолати атсидию ишқорӣ баҳои объективӣ додан, дар баробари муайян намудани pH-и хуни шараёнӣ мо дигар нишондиҳандаҳои газҳои таркиби хунро мавриди санҷиш қарор додем.

Аз натиҷаи таҳқиқот бар меояд, ки pCO_2 дар одамони солим ба 49±4 мм. сутунчаи симобӣ баробар аст. Дар беморони дараҷаи сабуки сироятёбӣ бо COVID-19 pCO_2 ба ҳисоби миёна 59±4,5 мм.сут.сим., ҳангоми дараҷаи миёнавазнин 66±5,0 мм.сут.сим., дар беморони дараҷаи вазнин бошад 86±6 мм.сут.сим. - ро ташкил намуд.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки бо мурури дараҷаи вазнинии беморӣ шиддатнокии гази дуоксиди карбон дар хуни шараёнӣ зиёд мегардад. Ин вайроншавии мубодилаи гази дуоксиди карбон аз он шаҳодат медиҳад, ки вентилятсияи шуш ва диффузияи озоди гази дуоксиди карбон аз хун ба ҳавои алвеолярӣ вайрон гардидааст ва сабаби асосии он вайроншавии нафаскашӣ ба ҳисоб меравад.

Фишори парсиалии оксиген дар хуни шараёнии беморони дучори COVID-19 мавриди санҷиш қарор дода шуд (диаграммаи 2).



Диаграммаи 2. - Фишори парсиалии оксиген (PaO_2) мм.сут.сим. 1-одамони солим, 2-беморони дараҷаи сабуки COVID-19, 3-беморони дараҷаи миёнавазнин, 4-беморони дараҷаи вазнин

Таҳқиқот нишон дод, ки фишори парсиалии оксиген дар таркиби хуни шараёнии одамони солим ба ҳисоби миёна 40,7±3,6 мм.сут.сим. – ро ташкил дод. Шиддатнокии ин газ дар таркиби хуни беморони дучори дараҷаи сабуки COVID-19 ба ҳисоби миёна 35,8±2,6 мм.сут.сим., дараҷаи миёнавазнин 33,8±2,5 мм.сут.сим., дараҷаи вазнин бошад 29,8±2,3 мм.сут.сим.-ро ташкил намуд. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум мегардад, ки бо мурури вазниншавии дараҷаи

беморӣ фишори парсиалии оксиген низ ба таври боварибахш паст мегардад, ки ин яке аз нишонаҳои объективии норасоии оксиген дар узву бофтаҳо ба ҳисоб меравад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини таркиби хун консентратсияи HCO_3^- ба ҳисоб меравад. Ин модда яке аз системаи буферии бикарбонатӣ буда, дар ҷараёни нафаскашӣ озодшавии организмро аз газҳои ноустувор таъмин менамояд.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки консентратсияи HCO_3 бо мурури вазниншавии дараҷаи беморӣ майл ба тарафи камшавӣ мекунанд.

Дар мубодилаи газҳо дар организм дараҷаи сершавии гемоглобин бо оксиген (SpO_2) яке аз нишондиҳандаҳои муҳим шуморида мешавад. Ин нишондод дар таркиби хуни шараёнии одамони солим ба ҳисоби миёна 97,5±5%-ро ташкил намуд. Дар беморони дараҷаи сабуки сироятёбӣ бо COVID-19 дараҷаи сершавии гемоглобин бо оксиген 11,3%, дараҷаи миёнавазнин бошад 24,7%, дараҷаи вазнин бошад то 52,8% паст гардидааст. Нишондиҳандаҳои пасти SpO_2 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар узву бофтаҳо норасоии шадиди оксиген ба амал омадааст. Ин аломати вайроншавии ҷараёни нафаскашӣ дар заминаи дистресси шадиди респираторӣ ба амал омадааст.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки дар беморони дучори COVID-19 бинобар сабаби илтиҳоби шушҳо ва халалёбии вазифаи онҳо норасоии окисген дар бофтаҳо ба амал меояд, ки ин ба таври компенсаторӣ боиси баландшавии шумораи нафаскашӣ мегардад. Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар одамони солим басомади нафаскашӣ дар давоми 1 дақиқа ба 14±2 маротиба баробар аст. Ин нишондиҳанда дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 ба 25±3 маротиба, дар беморони дараҷаи миёнавазнин ба 34,7±3,6 ва дар беморони дараҷаи вазнин бошад ба 39,7±4 маротиба баробар буд.

Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми илтиҳоби дутарафаи шуш норасоии оксиген дар организм аз ҳисоби баландшавии басомади нафаскашӣ ҷуброн карда мешавад. Дар ҳолатҳои патологӣ, бахусус ҳангоми илтиҳоби узвҳо, заҳролудшавии организм бо моддаҳои патологӣ ва норасогии оксиген кори дил низ тағйир меёбад. Аз натиҷаи таҳқиқот бар меояд, ки нишондиҳандаи басомади кори дил дар одамони солим ба 74,7±2 маротиба, дар беморони дучори COVID-19 дараҷаи сабук ба ҳисоби миёна 101,7±4 маротиба дар 1 дақиқа, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 126±5 маротиба дар 1 дақиқа, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 136,8±5 маротибаро дар 1 дақиқаро ташкил намуд.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки ҳангоми сироятёбӣ бо COVID-19 санҷиши мубодилаи газҳо ва тавозуни атсидӣ - ишқорӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мераванд. Омӯзиши pH-и хуни шараёнии беморон нишон дод, ки бо мурури

вазниншавии ҳолати беморон ҷараёни атсидоз вазнинтар мегардад. Атсидози баамаломадаро зиёдшавии фишори парсиалии $PaCO_2$ ва камшавии фишори парсиалии pO_2 ҳамроҳӣ менамояд. Нишондиҳандаи воҳиди буферӣ бошад дар ин гурӯҳи беморон майл ба камшавӣ дорад.

Дар беморони дучори COVID-19, махсусан ҳангоми шаклҳои вазнини он дар баробари вайроншавии мубодилаи газҳо, инчунин тағйироти миқдори электролитҳо ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки норасоии электролитҳоро дар беморони дучори COVID-19 зери омӯзиш қарор диҳем. Тағйироти боварибахшро мо танҳо дар гурӯҳи беморони дараҷаи вазнини COVID-19 мушоҳида намудем, ки ин нишондиҳанда нисбати одамони солим 17,4% пастар гардидааст. Ба ақидаи мо сабаби асосии кам шудани ионҳои калий дар таркиби зардоби хуни беморони COVID-19 талафоти пуршиддати онҳо тавассути маҷрои ҳозима ҳангоми қайкунӣ ва исҳол ба амал меояд.

Миқдори калий дар таркиби зардоби хуни гурӯҳи назоратӣ ба ҳисоби миёна 139±4 ммол/л-ро ташкил намуд. Дар таркиби зардоби хуни беморони дараҷаи сабуки COVID-19 ба ҳисоби миёна он 135,3±3,6 ммол/л, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 131,8±3,4 ммол/л, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 118,4±3 ммол/л-ро ташкил намуд.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар баробари камшавии миқдори калий, инчунин паст шудани миқдори натрий дар таркиби зардоби хуни беморони COVID-19 ба мушоҳида расид. Ин нишондиҳанда дар беморони дараҷаи сабуки сироятёбӣ то 3%-ро ташкил дода, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 5,2% ва дар беморони дараҷаи вазнин бошад то 15%-ро ташкил намуд. Моҳияти физиологии ионҳои натрий пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки фишори осмотикӣ ва pH-ро дар дохил ва берун аз ҳуҷайра доимӣ нигоҳ дошта, ин элемент ба ҷараёни фаъолияти системаи асаб, ҳолати мушакҳо ва дилу рагҳои хунгард таъсир мерасонад. Кам шудани миқдори ионҳои натрий, ба монанди ионҳои калий сабабҳои зиёд дорад. Ба ақидаи аксарияти олимон дар беморони дучори COVID-19 сабаби асосии кам шудани ионҳои натрий, аз ҳисоби талафоти зиёд тавассути системаи ҳозима ва арақшорӣ ба амал меояд.

Миқдори калсийи дар шакли ионӣ қарордошта дар таркиби зардоби хуни одамони солим 1,2±0,11 ммол/л ташкил намуд. Миқдори ин элемент дар таркиби зардоби хуни беморони дараҷаи сабуки COVID-19 1,1±0,10 ммол/л, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 1,0±0,10 ммол/л ва дар беморони дараҷаи вазнин бошад 0,84±0,10 ммол/л-ро ташкил намуд. Аз таҳлили натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар таркиби хуни беморони COVID-19, вобаста ба дараҷаи вазнинӣ миқдори калсийи дар шакли ионӣ қарордошта паст гардидааст.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки миқдори ионҳои натрий, калий ва калсийи дар шакли ионӣ қарордошта,

вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ дар беморони COVID-19 ба таври боварибахш паст мегардад. Бинобар ин, дар зиёда аз 55%-и ин гурӯҳи беморон, чи дар давраи беморӣ ва чи пас аз он муддати тӯлонӣ мо аломатҳои бемадорӣ, бекувватӣ, дарди сар, асабхастагӣ ва ғайраро мушоҳида намудем.

Таҳлили нишондиҳандаҳои хуни канорӣ ҳангоми бемории COVID-19 нишон дод, ки дар таркиби хуни мардони солим миқдори эритротситҳо 5,0±0,4 млн, дар 1 мм^3 ташкил дода бошад, дар беморони дараҷаи сабук 5,5±0,50, беморони дараҷаи миёнавазнин 6,5±0,55, дар беморони дараҷаи вазнин бошад он 7,3±0,60 млн-ро дар 1мм^3 ташкил дод.

Ҳамин гуна тағйиротҳоро мо дар таркиби хуни канории занҳое, ки бо вируси COVID-19 сироят ёфтаанд, мушоҳида намудем. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум мегардад, ки вобаста ба дараҷаи беморӣ миқдори эритротситҳо дар таркиби хуни мардҳо аз 10 то 46% зиёд мегардад. Дар таркиби хуни занҳо бошад, ин нишондиҳанда аз 7 то 34,5% зиёд гардидааст.

Зиёдшавии миқдори эитротситҳо дар таркиби хуни канорӣ ба ақидаи мо, пеш аз ҳама ба бемории асосӣ вобастагӣ дорад, ки дар натиҷаи он узвҳои системаи нафаскашӣ ба илтиҳоб дучор гардида, ҷараёни бо оксиген таъминкунии бофтаҳо ва узвҳо коҳиш меёбад. Бинобар ин, дар ин ҳолат организми инсон маҷбур мешавад, ки механизмҳои физиологии ҷуброниро ба кор андозад, то он ки организм ҳарчи бештар бо оксиген таъмин карда шавад. Зиёдшавии эритротситҳо дар зинаи аввал аз ҳисоби хуни захиравӣ ба амал меояд.

Миқдори гемоглобин дар таркиби хуни мардони дараҷаи сабуки дучори COVID-19 157±5 г/л, дар занҳо бошад 148±4,8 г/л, дар таркиби хуни беморони дараҷаи миёнавазнин, дар мардҳо 168±6,0 г/л дар занҳо 154±5,0 г/л, дар таркиби хуни беморони вазнин, дар мардҳо 175±7,0 г/л дар занҳо бошад 160±6,0 г/л –ро ташкил намуд.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар баробари зиёдшавии миқдори эритротситҳо мутаносибан баландшавии консентратсияи гемоглобин дар таркиби хуни беморони COVID-19 мушоҳида гардид. Вобаста ба дараҷаи вазнинии бемории COVID-19 сершавии эритроситҳо бо гемоглобин ба амал меояд.

Дар таркиби хуни одамони солим нишондиҳандаи гематокрит ба 45±4,0% баробар буд. Ин нишондиҳанда дар таркиби хуни беморони дараҷаи сабуки COVID-19 дар мардҳо 52±4,4% дар занҳо 49±5%, дар беморони дараҷаи миёнавазнин дар мардҳо 56±5% дар занҳо 51±6%, дар беморони дараҷаи вазнин бошад дар мардҳо 60±6% дар занҳо 54±6% -ро ташкил дод.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум мегардад, ки бо мурури вазнин шудани дараҷаи беморӣ, аз ҳисоби зиёдшавии ҳуҷайраҳои хун,

вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ нишондиҳандаи гематокрит ҳам зиёд мегардад. Баландшавии нишондиҳандаи гематокрит аломати хоси баландшавии часпакии хуни канорӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аз як тараф зиёдшавии нишондиҳандаҳои хуни сурхи канорӣ барои аз норасоии оксиген начот додани организм равона карда шуда бошад, аз тарафи дигар бо зиёдшавии часпакии хун, хусусиятҳои реологии хун тағйир меёбад. .

Миқдори лейкотситҳо дар таркиби хуни беморони COVID-19 омӯхта шуд. Ин нишондиҳанда дар таркиби хуни одамони солим 5,6±2,0х10⁹/л-ро ташкил намуд. Дар таркиби хуни беморони дараҷаи сабуки COVID-19 15±3х10⁹/л, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 25±3,5х10⁹/л ва дар беморони дараҷаи вазнин бошад 35±4х10⁹/л-ро ташкил намуд.

Ҳангоми ба таври фардӣ аз таҳлил гузаронидани беморон маълум гашт, ки дар 6 нафар беморон миқдори лейкотситҳо аз 40 000 зиёдтар, дар 15 нафар беморон аз 30 000 зиёдтар, дар 93 нафар аз 20000 зиёдтар буда, дар 94 нафар беморон миқдори лейкотситҳо аз 15 ҳазор бештар мебошад.

Барои муайян намудани ҳолати халалдоршавии физиологии масунияти инсон ҳисоб кардани формулаи лейкотситӣ ва индексҳои гуногуни лейкотситӣ истифода бурда мешаванд. Бо ин мақсад мо дар 35 нафар одамони солим, 35 нафар беморони COVID-19 -и дараҷаи
35 нафар беморони дараҷаи миёнавазнин ва 35 нафар беморони дараҷаи вазнин формулаи лейкотситӣ ва индексҳои лейкотситиро дар давраи авҷи беморӣ ва баъди 1 моҳи табобат аз санҷиш гузаронидем.

Формулаи лейкотситӣ ҳамрадифи аксарияти бемориҳо буда, вале барои ягон намуди беморӣ пурра хос намебошад. Новобаста аз ин формулаи лейкотситӣ аз фаъолшавии фаъолии ҳуҷайраҳои ба масунияти организми инсон ҷавобгу дарак медиҳад. Дар ҷадвали 1 формулаи лейкотситии беморони дучори COVID-19, вобаста ба дараҷаи вазниниашон дарҷ гардидааст. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар ҳар се гурӯҳи санҷишӣ ба таври боварибахш майли формулаи лейкотситӣ ба тарафи чап қарор дорад. Дар беморони COVID-19-и дараҷаи сабук нейтрофилҳои чӯбчаядро ба ҳисоби миёна 15%, нейтрофилҳои сегментядро 63%-ро ташкил дода, камшавии миқдори лимфотситҳо мушоҳида карда шуд, ки ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна 15%-ро ташкил намуд. Дар беморони дараҷаи миёнавазнин ин тағйиротҳо пуршиддаттар гардида, дар формулаи лейкотситӣ 3%-ро нейтрофилҳои ҷавон, 23%-ро нейтрофилҳои чӯбчаядро, 60%-ро нейтрофилҳои сегментядро ва ҳамагӣ 10%-ро лимфотситҳо ташкил доданд. Дар гурӯҳи беморони дараҷаи вазнини COVID-19 бошад, дар баробари зиёдшавии миқдори лейкотситҳо тамоман камшавии миқдори лимфотситҳо ва дар хуни канорӣ пайдо

Ҷадвали 1. - Динамикаи тағйирёбии формулаи лейкотситии (%) беморони COVID-19

№ №	Гурӯҳҳои муқоисавӣ %	Миело-тситҳо %	Нейтрофилҳои ҷавон %	Нейтро-филҳои чӯбчаяд-рой %	Нейтро-филҳои сегмент-ядрой %	Эозино-филҳо %	Базофилҳо %	Моно-тситҳо %	Лимфо-тситҳо %
1.	Одамони солим	0	0	2±0,10	56±7	3±0,18	0	7±2	32±4
2.	Беморони дарҷаи сабуки COVID19	0	0	15±5	63±8	2±0,12	0	5,0±2	15±3
3.	Беморони дарҷаи миёнавазнини COVID19	0	3,0±0,20	23±5	60±6	1±0,10	0	3±0,5	10±2,5
4.	Беморони дарҷаи вазнини COVID19	5±0,3	8±0,5	36±6	48±5	0	0	1±10	3±0,4

шудани нейтрофилҳои ноболиғро мушоҳида намудем. Дар ин гурӯҳи беморон, дар формулаи лейкотситияшон ба ҳисоби миёна 5% миелотситҳо, 8% нейтрофилҳои ҷавон, 36% нейтрофилҳои чӯбчаядро ва 48%-ро нейтрофилҳои сегментядро ташкил намуданд.

Барои баҳо додан ба ҳолати физиологии организм ва масунияти таҳқиқи индекси лейкотситии заҳролудиро (ИЛЗ) истифода мебаранд. Ин индекс дар одамони солим ба ҳисоби миёна 1,38 воҳидро ташкил медиҳад. Тағйирёбии ИЛЗ дар беморони COVID-19 аз доштани ҷараёнҳои вазнини илтиҳобӣ, ҳолати вазнинии беморӣ ва дараҷаи шиддатнокии заҳролудӣ дарак медиҳад.

Барои боз ҳам ба таври объективӣ баҳо додан ба ҳолати клиникии беморони дучори COVID-19, мо индексҳои лейкотситиро дар давраи хуруҷи беморӣ аз санҷиш гузаронидем (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.- Тағйирёбии индексҳои лейкотситӣ (в/ш) дар беморони дучори COVID – 19 дар давраи хурӯҷ

Нишонди-ҳандаҳо		Одамони солим	Беморони дараҷаи сабуки COVID-19	Беморони дараҷаи миёнавазнини COVID-19	Беморони дараҷаи вазнини COVID-19
1.	ИЛЗ	1,38±0,20	3,54±0,30	6,14±0,40	24±2,0
2.	ИЯЗ	0,036±0,001	0,24±0,03	0,43±0,04	1,02±0,05
3.	ИЛЛХ	1,56±0,06	4,0±0,20	6,69±0,50	24±2,0
4.	ИЛ	0,55±0,6	0,19±0,02	0,12±0,01	0,031±0,001
5.	ИА	2,15±0,10	0,65±0,03	0,29±0,02	0,061±0,002
6.	ИТЛЭ	10,66±0,5	7,5±0,40	10±0,50	3±0,03
7.	ИЛГ	5,25±0,40	1,88±0,20	1,15±0,10	0,31±0,020
8.	ИТНА	1,81±0,30	5,2±0,50	8,6±0,60	32±2,0
9.	ИТНМ	8,28±0,40	15,6±1,5	28,6±2,5	96±5,0
10.	ИТЛСТЕ	0,39±0,10	4,2±0,25	9,0±0,50	19,3±1,0

Дар беморони дараҷаи сабуки сироятёбӣ бо COVID-19 ИЛЗ нисбати одамони солим 2,56 маротиба зиёд гардидааст, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 4,44 маротиба, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 17,3 маротиба баландшавии ин индекс ба қайд гирифта шудааст. Аз натиҷаҳои бадастомада мо дараҷаи баландтарини индекси ИЛЗ-ро дар беморони дараҷаи вазнини COVID-19 мушоҳида намудем. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баробари илтиҳоби шадиди дутарафаи шушҳо аз таъсири вирус микрофлораи касалиангез низ пайваст шуда, дараҷаи баланди заҳролудии дохилиро ба вуҷуд меорад.

Баландшавии нишондиҳандаи индекси ядрогии захролудӣ (ИЯЗ) аломати вайроншавии қобилияти нейтрофилҳо, ки элементҳои антигенро безарар мегардонанд ба ҳисоб меравад. Нишондоди ИЯЗ дар беморони дучори COVID-19-и дараҷаи сабук ба ҳисоби миёна 6,6 маротиба, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 11,9 маротиба, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 28 маротиба баланд шудааст.

Нишондиҳандаи ИЛХ агар дар одамони солим ба ҳисоби миёна 1,56 воҳидро ташкил диҳад дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 баландшавии ин нишондиҳанда 2,56 маротиба, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 4,28 маротиба, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 15,4 маротиба ба мушоҳида расид. Натиҷаҳои бадастомадаи ин индекс шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар баробари бемории COVID-19 ва ба он ҳамроҳ гардидани бактерияҳои касалиангез реактивнокии баланди организмро ба амал оварда, дар натиҷа тӯфони ситокинӣ ба амал меояд.

Агар нишондиҳандаи ИЛ дар одамони солим ба 0,55в баробар бошад, дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 2,89 маротиба, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 4,58 маротиба, дар беморони дараҷаи вазнин 17,7 маротиба пастшавии ин нишондиҳанда ба амал омадааст. Нишондиҳандаи дигар индексҳо низ дар байни онҳо индекси таносуби лейкотситҳо ва суръати такшоншавии эритротситҳо (ИТЛ/СТЭ) ба ҳисоб меравад. Агар нишондиҳандаи ИТЛ/СТЭ дар одамони солим 0,39 воҳидро ташкил диҳад, дар беморони дараҷаи сабуки бо COVID-19 сироятёфта баландшавии нишондиҳанда то 10,7 маротиба, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 23 маротиба ва дар беморони дараҷаи вазнин бошад 49,5 маротиба зиёдшавии ин нишондиҳанда ба амал омадааст.

Дар ҷадвали 3 формулаи лейкотситии беморони дучори COVID-19 баъди 1 моҳи табобати зиддивирусӣ ва зиддибактериявӣ дарҷ гардидааст. Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои бадастомада бар меояд, формулаи лейкотситии беморони дараҷаи сабуки бо COVID-19 - ро 10% нейтрофилҳои чӯбчаядро, 48% нейтрофилҳои сегментядро, 3% эозинофилҳо, 4% монотситҳо ва 35% лимфоситҳо ташкил доданд. Аз ин бар меояд, ки баъди 1 моҳи табобат аксарияти нишондиҳандаҳои формулаи лейкотситӣ ба меъёри пештараи худ баргаштаанд. Дар ин ҷо танҳо мо дар ҳолати баланд қарор доштани нейтрофилҳои чӯбчаядроиро мушоиҳада намудем. Дар беморони дараҷаи миёнавазнини COVID-19 ба ҳисоби миёна нейтрофилҳои чӯбчаядро 15%, нейтрофилҳои сегментядро 55%, монотситҳо 5%, миқдори лимфотситҳо бошад 23%-ро ташкил намуданд, ки ин натиҷаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки баъди 1 моҳи табобат ҳам ҳанӯз ҷараёни

Ҷадвали 3. – Натиҷаи таҳҳирёбии формулаи лейкотситии беморони COVID-19 пас аз 1 моҳи табобатгирӣ

№	Гурӯҳҳои мукоисавӣ	Миело-тситҳо %	Нейтрофил-ҳои ҷавон	Нейтрофил-ҳои чӯбчаядро %	Нейтрофилҳои сегментядрой %	Эозино-филҳо %	Базофилҳо %	Моно-тситҳо %	Лифо-тситҳо %
1.	Одамони солим	0	0	2,10±0,10	58±6	3±0,18	1±0,10	6±2	30±4
2.	Беморони дараҷаи сабуки COVID-19	0	0	10±2,0	48±5	3±0,15	0	4±0,5	35±5
3.	Беморони дараҷаи миёнавазнини COVID-19	0	0	15±2,5	55±5	2±0,20	0	5±0,5	23±2,4
4.	Беморони дараҷаи вазнини COVID-19	0	0	20±3,0	63±6,0	2±0,2	0	3±0,30	12±2,0

илтиҳоб дар организм боқӣ мондааст.

Тағйироти боз ҳам боваринoктар дар формулаи лейкотсиии беморони дараҷаи вазнини бо COVID-19 сироятёфта ба мушоҳида расид. Дар ин гурӯҳи беморон нейтрофилҳои чӯбчаядро 20%, нейтрофилҳои сегментядро 63%, эозинофилҳо 2%, лимфотситҳо бошад 12%-ро ташкил доданд. Натиҷаи формулаи лейкотситии гурӯҳи беморони вазнини бо COVID-19 сироятёфта шаҳодат аз он медиҳад, ки баъди 1 моҳи сироятёбӣ ҳанӯз ҷараёни патологӣ дар организм боқӣ мондааст ва мушоҳидаҳои минбаъдаро талаб менамояд. Ҳамин гуна тағйиротҳо дар моҳи дуюм ва сеюми баъди сироятёбӣ дар организми ин гурӯҳи беморон ба мушоҳида расид.

Дар ҷадвали 4 индексҳои лейкотситӣ баъди 1 моҳи табобати зиддивирусӣ ва зиддибактериявӣ дар беморони дучори COVID-19 дарҷ гардидаанд. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки нишондиҳандаи ИЛЗ дар беморони дараҷаи сабук дар ҳудуди меъёр қарор доранд, вале дар беморони дараҷаи миёнавазнин бошад ин нишондиҳанда 1,6 маротиба, дар беморони дараҷаи вазнин 3,16 маротиба зиёд аст.

Ҷадвали 4. – Тағйирёбии индексҳои лейкотситӣ (в/ш) дар беморони дучори COVID-19 дар давраи хурӯҷ

Нишондиҳан-даҳо		Одамони солим	Беморони дараҷаи сабуки COVID-19	Беморони дараҷаи миёнаваз-нини COVID-19	Беморони дараҷаи вазнини COVID-19
1.	ИЛЗ	1,54±0,21	1,32±0,11	2,33±0,15	4,88±0,20
2.	ИЯЗ	0,034±0,001	0,21±0,02	0,27±0,02	0,32±0,03
3.	ИЛЛХ	1,77±0,25	1,57±0,21	2,57±0,25	5,67±0,30
4.	ИЛ	0,50±0,05	0,60±0,05	0,38±0,04	0,15±0,010
5.	ИА	2,0±0,11	2,45±0,12	1,20±0,11	0,52±0,08
6.	ИТЛЭ	10±0,46	11,7±0,50	11,5±0,51	6,0±0,35
7.	ИЛГ	4,76±0,35	6,86±0,40	3,70±0,35	1,4±0,20
8.	ИТНА	2,0±0,10	1,65±0,10	9,6±0,11	6,9±0,25
9.	ИТНМ	10,0±0,46	14,5±0,58	12,0±0,56	27,6±2,0
10.	ИТЛС ТЕ	0,40±0,10	2,0±0,20	3,75±0,30	7,2±0,40

Натиҷаҳои таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баъди 1 моҳи гузаштани беморӣ нишонаҳои заҳролудии дохилӣ ба таври боварибахш дар таркиби хуни ин гурӯҳи беморон мавҷуд аст. Ҳамин гуна тағйиротҳои боварибахшро мо дар дигар индексҳои лейкотситӣ низ мушоҳида намудем.

Яке аз вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ омӯзиши системаи лахташавии хун дар беморони дучори сирояти COVID-19 ба ҳисоб мерафт. Системаи лахташавии хун дар асоси муайян намудани вақти умумии лахташавии хун бо усули Ли-Уайт, вақти протромбинӣ, таносуби меъёри байналмилалӣ (ТНБ), миқдори фибриноген, вақти

рекалсификатсия, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ (ВҚФТ) ва Д-Димер баҳо дода шуд.

Дар диаграммаи 3 вақти умумии лахташавии хун бо усули Ли-Уайт дарҷ гардидааст.



Диаграммаи 3. – Вақти умумии лахташавии хун (дақиқа) бо усули Ли-Уайт. 1-одамони солим, 2-беморони дараҷаи сабуки COVID-19, 3- беморони дараҷаи миёнавазнин. 4- беморони дараҷаи вазнин

Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои бадастомада бар меояд, дар одамони солим вақти умумии лахташавии хун ба 6,0±0,50 дақиқа баробар бошад, дар беморони дараҷаи вазниниашон сабук ин нишондиҳанда 4,0±0,30, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 3,5±0,30, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 3,0±0,10 дақиқаро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим аз 33,4 то 50% баланд мебошад.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар беморони COVID-19 вақти умумии лахташавии хун ба таври боварибахш кӯтоҳ шудааст.

Солҳои охир ба системаи лахташавии хун аз рӯи нишондиҳандаи таносуби меъёри байналмилалӣ (МНО) баҳо дода мешавад. МНО дар одамони солим 1,2±0,10, дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 0,90±0,10, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 0,8±0,09, дар беморони дараҷаи вазнин бошад 0,6±0,07 воҳидро ташкил дод.

Коэффитсиенти МНО яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини системаи лахташавӣ буда, ҳассосияти тромбопластинҳоро инъикос менамояд. Аз нишондиҳандаҳои бадастомада бар меояд, ки коэффитсиенти МНО дар беморони дучори COVID-19 аз 25 то 50% баланд шудааст.

Мо дар беморони гирифтори COVID-19 мо нишондиҳандаҳои вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинро (ВҚФТ) мавриди таҳлил қарор додем. Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои ба даст овардашуда бар меояд, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ (ВҚФТ) дар одамони солим ба 30±5,0 сония баробар аст. Дар беморони дараҷаи сабуки COVID-19 нишондиҳандаи мазкур 18,5±3,0 сония, дараҷаи миёнавазнин 15±2,5 сония, дараҷаи вазнин бошад 12,0±2,0 сонияро ташкил дод. Таҳлил нишон дод, ки ВҚФТ дар беморони бо вируси тоҷдор сироятёфта аз 38 то 60% кӯтоҳ гардидааст, ки аз мавҷуд будани хатари баланди тромбҳосилшавӣ дар рагҳои хунгарди беморон дарак медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки миқдори сафедаи фибриноген дар таркиби плазмаи хуни одамони солим ба 3,0±0,30г баробар аст. Дар таркиби плазмаи беморони дараҷаи сабуки COVID-19 ба 6,5±0,50 г/л, дар беморони дараҷаи миёнавазнин 9,7±0,80 г/л, дар беморони дараҷаи вазнин бошад ба 13,4±1,0 г/л баробар буд. Аз натиҷаҳои бадастомада бар меояд, ки миқдори фибриноген дар таркиби хуни беморони COVID-19 аз 2,1 то 4,4 маротиба зиёд гардидааст.

